**МИРСАИД МИРШАКАР**

# ЗИНДА БОД ХАНДА

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-83

Мураттибон
*Ҷ. Ҳошимӣ ва З. Абдулло*

Рассом *З.Ҷалилова*

Муҳаррир *И. Қосимзода*

М-83 **Мирсаид Миршакар. Зинда бод ханда.**
*(Гулчин барои кӯдакон ва наврасон)*.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 48 саҳ.

ISBN 978-99947-2-221-2

© Мирсаид Миршакар, 2013
© Нашриёти «Адиб», 2016

## ЗИНДА БОД ХАНДА!

Рафта гуфтам ба духтур:
– Нотобам, эй амакҷон!
Гаҳ дилам мекунад дард,
Гаҳ сару гоҳе дандон.

Бовар бикун, амакҷон,
Надорам узви бедард.
Шояд аз ин нотобист
Тани лоғар, ранги зард?..

Духтур гуфто:
– Дарди ту
Дарди ғаморанда аст,
Лекин дармонпазир аст,
Доруи он ханда аст.

Асло накун фаромӯш:
Бо ханда гар шавӣ ёр,
Дигар ба дарду азоб
Намешавӣ гирифтор!

Чун давои дардамро
Аз духтурам шунидам,
«Сафсата!» – гуфта, бо завқ
Бар гапи ӯ хандидам.

Хандидам дар назди ӯ,
Дар кӯчаҳо хандидам,
Назди очам хандидам,
Бо бачаҳо хандидам.

Аз хандаи бисёре
Дардам пароканда шуд,
Тамоми ҷисму ҷонам
Саломат аз ханда шуд.

Хоҳед агар, ки бошед
Монанди ман саломат,
Аз ханда рӯ натобед
Дар меҳнату фароғат!

## НАРАНҶЕД, ИН ҲАҚИҚАТ!

Калхоте ба дугонаш
Ҳасрат карда, ҳамегуфт:
– Наметавонам аз ту
Дарди диламро нуҳуфт.

Уқобона шакли мо,
Рафтори мо,
Чанги мо, парвози мо,
Минқори мо…

Пас чаро моро уқоб
Намемонанд?

Тарона дар васфи мо
Намехонанд?

Ҷавоби ин саволро
Дугонааш надонист.
Ҳозир гашта гунҷишке,
Бигуфто:
– Шубҳае нест,
Ки шаклу рафторатон
Уқобона,
Чангатон, минқоратон
Уқобона!

Танҳо дилатон
Уқобона нест!
Наранҷед, ин ҳақиқат,
Афсона нест!

## ДАРАХТИ ЧОРМАҒЗ

Дарахте ки бо он
Мефахрад дашту кӯҳсор,
Дарахти чормағз аст он,
Напиндораш чинор!

Меваи у ширин аст,
Ширину равғанин аст…

Оё медонед, ӯро
Кӣ дар ин ҷо шинондаст?
Намедонед?
Мегӯям:
– Алошақшақи «гулдаст».



## МАРДИ ХОРКАШ

На аз гурге метарсад,
На аз рӯбоҳи маккор.
Аз хори худ то абад
Розӣ ҳасту миннатдор,
Марди хоркаш – Хорпуштак!



## СУРУДИ РӮБОҲ

Ман рӯбаҳ ҳастам,
Паҳ–паҳ–паҳ,
Бегунаҳ ҳастам,
Ваҳ–ваҳ–ваҳ.

Бовар бикунед,
На маккорам ман,
На айёрам ман.
Барои мардум
Беозорам ман.

Рӯзона ҷоям
Оғӯши ғор аст.
Шаб чун дарояд,
Корам шикор аст.

Ман рӯбаҳ ҳастам,
Паҳ–паҳ–паҳ,
Бегунаҳ ҳастам,
Ваҳ–ваҳ–ваҳ.

Агар гум шавад
Мурғе ба як бор,
Маро нахонед
Ҳаргиз гунаҳкор.

Бас соҳиби мурғ
Беғам нишастаст.
Дарро шабона
Маҳкам набастаст.

Ман рӯбаҳ ҳастам,
Паҳ–паҳ–паҳ,
Бегунаҳ ҳастам,
Ваҳ–ваҳ–ваҳ!...

**ФАРҚЕ НАБУДАСТ…**

Рӯзе,
Дар Панҷоби дилписанд,
Дар як шаҳри хурд,
Пас аз тамошои музей
Мулк Раҷ Ананд
Моро ба мактабе бурд.

… Ҳангоми сӯҳбат,
Бо ҳурмат
Мактаббачаяке
Аз ҷояш ҷунбид,
Истода андаке,
Пурсид:

– Дар мактабҳои шумо
Ҳарфи аввали Алифбо
Кадом аст, гӯед?
Чун гуфтам «А»,
Дилшод гардид.

Пурсид дубора,
Рост карда қоматашро:
–Дар шумо
Агар дуро гиранд ду бор,
Мешавад чанд?
Чун гуфтам «чаҳор»,
Гардид хурсанд.

Бо хурсандӣ
Он гоҳ
Бар китфи ҷӯрааш
Зада бо даст,
Гуфт:
– Дидӣ,
Байни мову онҳо
Фарқе набудаст!

## ҶОНИ МАН РОМИШ

Боре Ромиш
Аз додош
Кардаст хоҳиш:

– Додоҷони меҳрубон
Бифаҳмон ба ман:

Чаро умри филон
Дароз чун бехи банан,
Аммо кӯтоҳ аст
Умри гурги маст?

Гуфтаст додош:
– Ҷони ман Ромиш,
Умри золим кӯтаҳ беҳ,
Рӯзаш сияҳ беҳ!

## НА ҲАР МОРЕ ЗАҲРДОР АСТ

Мегӯянд,
Морбозеро
Ногаҳ море газидаст.
Дере нагзашта морбоз
Ҳалок гардидаст!

Ғазаб карда, фарзандаш
Ба саҳро мебарояд.
Дар ҳар ҷое бинад мор,
Нобудаш менамояд.



Море роҳаш гирифта
Мегӯяд:
– Эй ноинсоф,
Бас аст хунрезӣ!
Дигар
Накаш шамшер аз ғилоф!

Мори заҳрдор кам аст
Байни мори бисёре.
Кушта шуд даҳҳо безаҳр
Барои як заҳрдоре…

## НУРИ БАСАРИ МАН

Ҷон бод фидои ту,
Фарзанди далери ман.
Бо меҳру вафои ту
Равшан дили пири ман!

Дар рӯйбарӯят ман
Ҳар бор ки биншинам,
Хоҳам, ки ҷавониям
Дар чеҳраи ту бинам.

Ту зодаи имрӯзӣ,
Созандаи фардоӣ.
Чашмам ҳама сӯи туст,
Нури басари моӣ!

Хоҳам, ки набошӣ ту
Дар хона чу шери нар.
Дар саҳна чу харгӯше-
Тарсончаку раҳмовар.

Сайёраи мо бераҳм
Нисбат ба ҳарисон аст.
Фармонбару сарафроз
Аз баҳри далерон аст.

Чун номи хуши модар
Ҳаргиз набарор аз ёд.
Бе қудрати дасти мо
Дунё нашудаст обод!

Хоҳам, ки ба баҳру бар
Фармонраво гардӣ.
Киштии ҳаётамро
Нотарсхудо гардӣ.

То доираи хуршед
Озод равӣ рӯзе.
Бо Зӯҳраву бо Миррих
Ҳамроҳ шавӣ рӯзе.

Фардои бузурги мо
Дилхоҳи ҷавонон аст.
Бар беҳунаре лекин
Тира чу шабистон аст.

Хоҳӣ, ки раҳат чун рӯз
Фардо бишавад равшан.
Имрӯз ғаматро хӯр,
Ай машъали шоми ман!

Бебок шиновар шав
Дар баҳри улуму фан.
Бар шамъи умеди мо
Илм асту ҳунар рӯған.

Аз чархи фалак ҳаргиз
Ёрӣ маталаб, фарзанд.
Аз Умари Хайём аст
Бар аҳли ҷаҳон ин панд!

Ай ҷони азизи ман,
Умре зи гузашти рӯз
Дар зиндагии пурҷӯш
По мондани худ омӯз!

Хоҳам, ки туро дида,
Бо меҳру ҳавас гӯянд
Бегонаву ёронам:
– Раҳмат ба чунин фарзанд!

Дар маъракаву майдон
Беҳтар зи падар мебош.
Бар рӯзи нави фардо
Чун мурғи саҳар мебош!

## БАХТ ВА НОДОН–АМАК

Нодон-амак фарёд зад:
– Дар қайди ғам будан бас аст!
Сар мениҳам дар кӯҳу дашт
То бахти худ орам ба даст!

Аспе, ки пушташ реш-реш,
Шере, ки дандонаш набуд.
Нахле, ки бору бар надошт,
Шоҳе, ки буғзаш мефузуд.

Бигрифта роҳаш ҳар яке
Хоҳиш намуд:
– Эй бахтҷӯй!
Чун ҳамсухан гаштӣ ба Бахт,
Аз ҳоли мо чизе бигӯй!

Баргашта омад аз сафар
Нодон-амак бо хушхабар.
Гуфто, ки:
– Эй ёрони ман,
Шуд Бахт бо ман ҳамсухан.

Гуфто ба ман: «Баргашта рав,
Овора аз пуштам нашав!
Ман худ ба наздат меравам,
Дармони дардат мешавам!

Хоҳӣ, ки бошӣ бахтёр,
Ин пандро дар ёд дор:

Ҳар ҷой ман ёри туам,
Маҳкам бигир аз доманам!»

Меояд ӯ рӯзи дигар,
Шомам ҳамегардад саҳар.

Аспу дарахти бесамар,
Шоҳи диёру шери нар…

Аз омадаш воқиф шуданд,
Тозон ба наздаш омаданд.

Пурсид аз ӯ шоҳи диёр:
– Арзам чӣ шуд, эй бахтёр?

Нодон-амак бо ифтихор
Гуфто ба вай:
– Эй шаҳриёр!

Арзи туро гуфтам ба Бахт,
Гуфтам, ки дорад тоҷу тахт.

Шоҳам надорад хуррамӣ
Дар зиндагонӣ як даме!

Бишнида арзат Бахти маст,
Гуфто, ки «Шоҳи ту зан аст.

Ӯ соҳиби симу зар аст,
Бахташ вале аз шавҳар аст!»

Хурсанд гашта шаҳриёр,
Бишкуфт чун гул дар баҳор.

Гуфто:
– Агар бошад чунин,
Дар паҳлӯям ою нишин!

Ту шавҳари ман мешавӣ,
Бар ҷони ман тан мешавӣ.

Симу зарам сад хирман аст,
Бахти ту дар дасти ман аст!

Нодон-амак хандиду гуфт:
– Дорам, азизам Бахт муфт!

Меояд ӯ рӯзи дигар,
Шомам ҳамегардад саҳар!

Писханд карда шаҳриёр
Сӯи Ватан шуд раҳсипор.

Аз ҷой ҷаста бо азоб,
Аспе, ки ҳолаш буд хароб

Гуфт:
– Эй амак, дар ин сафар
Шодам, ки ёрат шуд зафар.

Рақсам зи шодӣ назди ту,
Ё ашк резонам, бигӯ?

Нодон-амак гуфто:
– Шунав,
Шодӣ бикун, ғамгин нашав!

Бахтам шунида арзи ту,
Гуфто:
«Расон аз ман ба ӯ:

Доруи захм ӯ толиб аст,
Доруи захмаш соҳиб аст!»

Чун асп бишнид ин хабар,
Назди амак хам кард сар.

– Соҳиб бишав, – гуфто, – маро,
Иқбол меорам туро!
Нодон-амак хандиду гуфт:
– Дорам, азизам, Бахт муфт!

Меояд ӯ рӯзи дигар,
Шомам ҳамегардад саҳар!

Инак, дарахти бесамар,
Истода бо чашмони тар.

Гуфто амак:
– Бишнав маро!
Гуфтам ба Бахт арзи туро.

Гуфто, ки «Дар зераш зар аст,
Аз ин сабаб ӯ бебар аст!»

Шодон бигуфто он дарахт:
– Бодо туро иқболу бахт!

Ганҷе, ки бадбахтам аз ӯ,
Бебору бар ҳастам аз ӯ…

Он ганҷи беранҷи ту аст!
Гираш, надеҳ бахтат зи даст!

Нодон-амак хандиду гуфт:
– Дорам, азизам, Бахт муфт!

Меояд ӯ рӯзи дигар,
Шомам ҳамегардад саҳар!

Рафт он дарахти бесамар,
Ғуррид он гаҳ шери нар.

Нодон – амак бо ифтихор
Гуфт:
– Эй худои бешазор!

Гуфтам ба Бахт арзи туро,
Бишнида то охир маро.

Гуфто: «Ба шери нар бигӯ
Доруи хуби дарди ӯ–

Мағзи сари ҳар беҳунар,
Аблаҳтаре аз гову хар!»

Хурсанд гашта шери нар,
Гуфто:
– Тӯӣ он беҳунар!

Се бор омад бахти ту,
Ту рӯй гардондӣ аз ӯ!..

Оё бувад ҷуз ту дигар
Аблаҳтаре дар баҳру бар?!

Мазмуни ин зарбулмасал
Ҷону дили ин қисса аст:
«Як нақд андар зиндагӣ
Беҳ аз ҳазорон нася аст».

## ПАНД

Аз падари хирадманд
Монда барои фарзанд
Мероси бебаҳое –
Сето хазина – се панд:

– Хоҳӣ, ба матлаб расӣ:
Ҳамраҳ ба ҳар гап машав;
Бе талаб чизе мадеҳ;
Ҷое бе даъват марав!

## АСРОРИ ХУРШЕД

Дар домани кӯҳ,
Кӯҳи бошукӯҳ,
Деҳаяке буд,
Хурду бенамуд.

Аз он ҷо хуршед
Гузар намекард,
Ба рӯи мардум
Назар намекард.

Танҳо шабонгаҳ
Маҳтоби дилсард
Бар рӯи ин деҳ
Назора мекард.

Мардуми деҳа
Рухзард аз дард,
Гулу гиёҳаш
Олудаи гард…

Бо хоҳиши халқ
Марде забардаст
Ба назди хуршед
Бо арз рафтаст…



Меояд он мард
Пас аз дусад рӯз,
Ба деҳаи худ
Ғолибу фирӯз.

Хурду калонро
Мегӯяд:
– Ёрон,
Ҳамсӯҳбатам шуд
Хуршеди тобон!

Бо меҳрубонӣ
Маро «Биншин!» гуфт,
Арзам шунида,
Ба ман чунин гуфт:

– Гар дар диёрат
Зулм аст қонун,
Гар дар диёрат
Зиндагӣ маҳзун…

Гар дар диёрат
Ноком Маҷнун,
Гар дар диёрат
Шоир ҷигархун…

Бигӯ, ба он ҷо
Чаро равам ман?
Нозири зулмот
Чаро шавам ман?!

Бишнида инро
Мардуми кӯҳсор,
Аз хоби ғафлат
Гардид бедор.

Зулму асорат
Шуд ғайри қонун,
Аз қайди ғам шуд
Зиндагӣ берун.

Якҷоя гаштанд
Лайливу Маҷнун,
Шоир аз ин ҳол
Гардид мамнун.

Чун бахт хуршед
Партавфишон шуд,
Он деҳаи пир
Аз нав ҷавон шуд!

## РӮБОҲАКИ БЕГУНОҲ

*Аз фолклори Дарвоз*

Ба рӯбоҳе дар беша
Шере гардида дучор,
Меғуррад:
– Дар ҳадди ман
Чаро мегардӣ, маккор?

Сарро хам карда, рӯбоҳ
Мегӯяд:
– Эй дилогоҳ!
Ту шери одил ҳастӣ,
Маро ҷону дил ҳастӣ.
Калиди беҳамтое
Ба ҳар як мушкил ҳастӣ.

Ман рӯбоҳам, ман рӯбоҳ,
Рӯбоҳаки бегуноҳ.
Дар бешазорат, эй шер,
Гум кардам дум ин бегоҳ…

Мегӯядаш модашер:
– Бишнав, рӯбоҳи далер!
Бачаҳоям гушнаанд,
Ба ман лозим каме шир.

Нахӯр ғами думатро,
Думат пайдо мешавад!..
Рӯбаҳ тозон аз он ҷо
Назди бузак меравад.

Мегӯядаш:
– Ман  рӯбоҳ,
Рӯбоҳаки бегуноҳ.
Ту бузаки ҷавонӣ,
Ягона дар ҷаҳонӣ.
Каме ширам лозим аст
Барои зиндагонӣ!

Бузак ба вай мегӯяд:
– Нашав, эй рӯбаҳ, дилгир.
Ришқа бароям биёр,
Медиҳамат он гаҳ шир.

Рӯбоҳ тозон меравад,
Назди деҳқон меравад,
Мегӯядаш:
– Эй деҳқон,
Раззоқи халқи ҷаҳон,
Каме ришқа лозим аст
Бароям. Ёрӣ расон.

Мегӯядаш ришқакор:
– Нашав, рӯбаҳ, дилфигор.
Агар меориям дос,
Мегирӣ ришқа бисёр.

Рафта назди оҳангар,
Рӯбаҳ намуда хам сар,
Мегӯядаш:
– Эй устод,
Ҳар панҷаи ту ҳунар.

Барои ҷановарон
Теғу шамшер месозӣ,
Барои духтарон – чанг,
Деҳқон аз корат розӣ.

Ман, рӯбоҳи бегунаҳ,
Дорам аз ту илтимос:
Ғуломат гардам, агар
Барои ман созӣ дос!

Мегӯядаш оҳангар,
Оҳангари пурҳунар:
– Доси хубат месозам,
Лахча биёрӣ агар!

Тозон – тозон меравад
Рӯбаҳ ба назди хаскаш.
– Ман рӯбоҳам, – мегӯяд,–
Туӣ худои оташ.

Аз шӯълаи оташат
Хона гарм асту равшан.
Мегардидам шод, агар
Лахча медодӣ ба ман.

Хаскаш ба вай лахча дод,
Лахча ба оҳангар бурд.
Оҳангари меҳрубон
Ба вай доси нав супурд.

Омад ба назди деҳқон
Рӯбоҳ бо дили шод.
Бигрифта дос деҳқон,
Як дарза ришқааш дод.

Назди бузак равон шуд
Рӯбаҳ бадав ҳамоно.
Шири бисёре додаш,
Бузак хӯрда ришқаро.

Шери одил ширашро
Гирифту
– Офарин! – гуфт.
Думаш ба вай супурда,
– Накун гум баъд аз ин! – гуфт.

Рақсон шуду ғазалхон,
Думаш гирифта рӯбаҳ:
– Ман рӯбоҳи меҳрубон,
Бегуноҳам, паҳ–па–паҳ!

## ГУРГУ РӮБОҲУ ЧӮПОН

*(Афсона)*

Як субҳгоҳе,
Дар чарогоҳе,
Гардид пайдо
Ногаҳ рӯбоҳе.

Чӣ кор мекард
Рӯбоҳ дар он ҷо?
Шикор мекард,
Рубоҳ дар он ҷо!

Он дам ки хуршед
Гардид тобон,
Дучор гардид
Рӯбоҳ ба чӯпон.

Чӯпонписарро
Ба назди худ хонд.
Пурсид рубоҳ:
– Туро кӣ ранҷонд?

Бача барошуфт:
– Гурги ало, – гуфт, –
Мебарад ҳар рӯз
Як барраро муфт!

Чӯпонам, аммо
Яккаву танҳо,
Овора ҳастам
Дар кӯҳу саҳро!..

Рӯбоҳаш гуфто:
– Дар кӯҳу саҳро
Яккаву танҳо
Нашмор худро!

Медон: аз имрӯз
Ман бо ту ҳастам,
Дар хизмати ту
Камар бубастам!

Аз нав ба умед
Он гурги хунмаст,
Омада пурсид:
– Ризқам кадом аст?

Ногоҳ рӯбоҳ
Гардид пайдо –
Дар танаш ҷома,
Дар дасташ асо.

Гуфто:
– Ҷавоно,
Чаро дар ин ҷо
Кардаӣ пинҳон
Гурги алоро?

Аз ин суханҳо
Он гург тарсид,
Дар паси санге
Омада хобид.

Чӯпон бигуфто:
– Бошед хуррам,
Сайди шуморо
Пинҳон накардам!

Рӯбоҳ ғуррид:
– Дар паҳлӯят кист?
Чӯпон бигуфто:
– Халтаи холист!

Хандид рӯбоҳ
Гуфто ки:
– Мардум!
Кай боз халта
По дораду дум?

Он гурги нодон
Фармуд ба чӯпон:
– Пою думамро
Бурида парто!

Чӯпонписар зуд
Барҷаст аз ҷо,
Фармудаашро
Бинмуд иҷро!..

Афсонаи мо
Омад ба поён,
Хурсанд рӯбоҳ,
Хурсанд чӯпон.

## РӮБОҲИ МАККОРУ ЧӮҶАИ ҲУШЁР

*(Афсона)*

Буд, набуд, кӯҳсоре буд,
Дар бағалаш ғоре буд,
Дар ғори тираву тор
Рӯбаҳи маккоре буд.

Рӯзона дар ғори тор
Мехобид ӯ мурдавор,
Шабона дар деҳ мекард
Мурғу мурғобӣ шикор.

Рӯбаҳ набуд, шайтон буд,
Ғоратгари мурғон буд,
Дар назди ин маккора
Ақли деҳ нотавон буд.

Боре чун шаб даромад,
Аз хонааш баромад,
Дида дар раҳ чӯҷае
Бо гиряву хушомад:

– Ман рӯбоҳам, – мегӯяд, –
Бегуноҳам, – мегӯяд,–
Мӯйсафедам, ғарибам,
Бепаноҳам, – мегӯяд…

Маро ба хонаат бар,
Ҷоям бидеҳ то саҳар.
Равшан, ки шуд чашми рӯз,
Меравам ҷои дигар…



Чӯҷаяк андар ҷавоб
Мегӯядаш:
– Эй ҷаноб,
Аз бароят тайёр аст,
Дар хонаам ҷои хоб!

Гиря накун, шодон шав,
Аз паи ман равон шав.
Нури дида,тоҷи сар,
Дар ҳавлиям меҳмон шав!

Чӯҷаяк «меҳмонашро»
Чун ба хона даровард,
Дарро ба рӯяш баста,
Деҳқон – амакро овард.
Хӯрдагии рӯбаҳро,
Аз биниаш баровард!..

Аз он пас номи чӯҷа
Қаҳрамон – чӯҷа гардид.
Бо ҳамин афсонаам,
Ёрон, ба охир расид.

## ШАҲАНШОҲИ БЕША

Шаҳаншоҳи бешазор
На тахте дорад, на тоҷ,
На лашкару на шамшер,
На мӯҳтоҷ ӯ бар хироҷ.

Намерезад чун паланг
Хуни ҳар бегунаҳро.
Намедуздад чун шағол
Моли ҳар бепанаҳро…

Аз қудрати бозӯяш
Миннатдор асту сер аст.
Дар ҳамаи забонҳо
Мӯҳташам номи шер аст!

# ШОИРОНИ ҶАҲОН БАРОИ БАЧАГОН

## МЕХУ НАЪЛ

*Аз таронаҳои халқии англисӣ*

Аз бемехӣ
Наъл
Афтид.
Аз бенаълӣ
Асп
Лангид.

Асп лангид,
Аз болояш
Командир афтид,
Ҳалок гардид.

Монда бекомандир,
Лашкар
Шуд гурезон.

Сари асиронро
Душман буррид бо теғ,
Азбаски надошт
Оҳангар мех.

***Ҷонни РОДАРИ***
*(Италия)*

## БӮИ КАСБУ ИХТИСОС

Ҳар касбею ихтисос
Бӯе дорад ба худ хос:

Аз ҳавлии нонвойҳо
Меояд бӯи хамир.
Бӯи нони гармакак,
Бӯи кулчаву фатир.

Аз паҳлуи дуредгар
Агар намоӣ гузар.
Ба машомат мерасад
Бӯи чӯби хушку тар.

Меояд аз рангчиҳо
Бӯи ранги равғанин.
Аз ҷомаи ронанда
Меояд бӯи бензин.

Аз равзани ҳалвопаз
Меояд бӯи ҳалво.
Бӯи дору меояд
Аз хилъати духтурҳо.

Аз араќи деҳқонон
Дар фасли хуби баҳор –
Бӯи замин меояд,
Инчунин бӯи испор.

Танҳо бекорхӯҷаҳо
Беҳунару бебӯянд.
Аз меҳнати дигарон
Ба худ роҳат меҷӯянд.

Ҳар қадар, ки занад атр
Танбали сармоядор,
Бӯи хеле бад аз ӯ
Меояд охири кор.

*Ален* ***БОСКЕ***
*(Франсия)*

## САВОЛУ ҶАВОБ

– Барои ту чӣ лозим
Ин риши пурпечутоб?
– То ин ки ту, ҷӯраам,
Бигӯйӣ «Оличаноб!»

– Чаро борон меборад
Дар кӯҳу дашту беша?
–То ки заврақчаи ту
Шино кунад ҳамеша.

– Барои мо чӣ лозим
Ситораҳову Маҳтоб?
– Нигаҳбоният кунанд
Ҳар гаҳ ки меравӣ хоб!

– Чаро соат мегардад,
Барои ман бифаҳмон?
– Мегардад ӯ, то ки ту
Ба зудӣ гардӣ калон!

То ки ман, ҷӯраи ту,
Гӯямат:
«Оличаноб!»
Аммо на аз баҳри риш,
Балки аз баҳри одоб.



***Робес ДЕСНОС***
*(Франсия)*

## САНГПУШТ

Ман сангпуштам,
Сахту дуруштам.
Барои ин ҳам
Зебоякам ман,
Доноякам ман.

Оре, надорам
Чун кафтарон пар,
Ба ин гунаҳкор
Тақдири худсар.

Аз тақдири худ
Кардам шикоят.
Бо ин худамро
Кардам ҳимоят.

*Ҷон ЧИАРДИ*
*(ИМА)*

## БА КӢ БОЯД БОВАР КАРД?

Ба шахсе боре
Гаштам ҳамсӯҳбат.
Ки ҳамроҳи гурбаву саг,
Момоҷурғотӣ,
Инчунин
Халилихӯрак,
Дар хонаи хурде
Мекард истиқомат.

Боре соҳиби хона
Калон – калон кушода чашм,
Мекунад мурочиат
Ба саги пир,
Ба момоҷурғотӣ,
Халилихӯрак,
Инчунин
Ба гурбаи серпашм.

Мегӯяд:
– Дар ин мавзӯъ гап задан
Бароям хуб нест.
Вале маслиҳат
Кори хубест.
Гӯед,

Оё
Халилихӯрак
Лозим аст моро?

Гурбаи серпашм
Бо хашм
Мегӯяд:
– Барои мо
Ин ҷондори холдор
Чӣ даркор?
Ба ғайр аз хӯрдан
Надорад ӯ кор.
На гӯшт дорад,
На шир,
На дунба!
(Гуфта инро, мелесад
Лабонаш гурба).
Соҳиби хона
Тирезаро кушода,
Он гоҳ
Ба Халилихӯрак
Мегӯяд оҳистекак:
– Видоъ, холдораки ман,
Зиндагӣ бо мо
Мекардӣ, аммо
На шир дорӣ ту,
На гушту дунба!..
Аз ин суханҳо –
Хурсанд гурба.

Аммо гунҷишкаки хурд

Чиқ–чиққунон барошуфт:
– Ёрони ман, коратон
Намефорад ба ман! – Гуфт.

Саги шикорӣ ҳам
Бо ҳасрат сараш ҷунбонд.
Ду дурдона ашкашро
Бар замин резонд.

Париду рафт холдорак,
Лекин баногаҳ
Дар боғи соҳибхона
Ширинча пайдо шуд.
Обчакоришон
Гардид нобуд.

Беҳуда соҳибхона
Ба ҳар тараф медавид.
– Холдоракам, куҷоӣ? –
Гуфта, ёрӣ мепурсид.

Дар охир бо фиғон ӯ
Гуфто:
– Азизон,
Дар ин хонадон,
Бовар кардан мумкин аст
Ба ҳайвону ба инсон,
Бовар кардан аҳмақист
Ба Гурбаи бевиҷдон!

*Китахара* ***ХАКИСЮ***
*(Япония)*

## ШАБИ МАҲТОБ

Тон,
Тон,
Тон…
– Дарро кушоед.
– Шумо кӣ ҳастед?
– Барги дарахтам.

Тон,
Тон,
Тон…
– Дарро кушоед.
– Шумо кӣ ҳастед?
Боди сарсахтам.

Тон,
Тон,
Тон…
– Дарро кушоед.
– Шумо кӣ ҳастед?
– Моҳи хушбахтам.

# МУНДАРИЧА


Зинда бод ханда! ........................................................... 3
Наранҷед, ин ҳақиқат! ................................................... 4
Дарахти чормағз ............................................................ 5
Марди хоркаш ................................................................ 7
Суруди рӯбоҳ ................................................................. 8
Фарқе набудаст… ........................................................... 9
Ҷони ман Ромиш ............................................................ 11
На ҳар море заҳрдор аст ............................................... 12
Нури басари ман ............................................................ 13
Бахт ва Нодон–амак ....................................................... 16
Панд ................................................................................ 22
Асрори хуршед .............................................................. 22
Рӯбоҳаки бегуноҳ .......................................................... 26
Гургу рӯбоҳу чӯпон ....................................................... 30
Рӯбоҳи маккору чӯҷаи ҳушёр ....................................... 33
Шаҳаншоҳи беша .......................................................... 36


## Шоирони ҷаҳон барои бачагон


Меху наъл ...................................................................... 37
Бӯи касбу ихтисос .......................................................... 38
Саволу ҷавоб .................................................................. 40
Сангпушт ........................................................................ 42
Ба кӣ бояд бовар кард? ................................................... 43
Шаби маҳтоб .................................................................. 46

**Мирсаид Миршакар**

**ЗИНДА БОД ХАНДА**
*(Гулчин барои кӯдакон ва наврасон)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 26.01.2016 супурда шуд.
Чопаш 01.02.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 3,0. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 2000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар ҶДММ «Илм» чоп шудааст.